Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз дар мавзуи "Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст, (Душанбе, 2022. – 212 саҳ.).**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуъҳои мубрами илми ҳуқуқи конститутсионӣ – мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" бахшида шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.**

Мақомоти прокуратура яке аз сохторҳои муҳим барои давлатҳои муосир, махсусан кишварҳое, ки худро ҳуқуқбунёд эълон кардаанд, ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, омӯзиши ҳамаҷонибаи мавқеи он дар низоми таҷзияи ҳокимият масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад. Мақомоти прокуратура аз ҷумлаи сохторҳоест, ки барои амалисозии принсипи боздорӣ ва мувозинат миёни шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд накши муҳимро иҷро мекунад.

Муаллиф дар диссертатсия қайд менамояд, ки муайян намудани мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо аз лиҳози таърихӣ ва мурофиавӣ, балки аз лиҳози ҳуқуқи конститутсионӣ низ масъалаи муҳим буда, вазъи ҳуқуқии мақомоти прокуратура аз нигоҳи илм ва соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ таҳқиқоти ҷиддиро металабад.

Мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо мақомоти прокуратураи дигар кишварҳо ва сохторҳои шабеҳи онҳо як

қатор афзалият ва бартариятҳоро соҳиб аст. Чунин бартарият дар ташкил ва вижагиҳои фаъолияти ин ниҳод, нақши фаъоли он дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва таъмини қонуният дар ҷомеа ифода меёбад. Нақши фаъол доштани мақомоти прокуратура дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нахуст дар он ифода меёбад, ки ин ниҳод барои ҳама дастрас аст. Яъне ба мақомоти прокуратура дилхоҳ нафар метавонад бобати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои худ муроҷиат намояд. Дуюм, баррасии муроҷиати шаҳрвандон аз ҷониби мақомоти прокуратура хусусияти фаврӣ дорад. Яъне, мақомоти прокуратура дар муҳлатҳои дар қонун пешбинишуда муроҷиати шаҳрвандонро баррасӣ мекунад. Сеюм, машварати ҳуқуқӣ ва ёрии ҳуқуқие, ки кормандони мақомоти прокуратура мерасонанд, ройгон аст ва аз он ҳама метавонад баҳравар гардад. Чорум, мақомоти прокуратура ҳангоми ошкор кардани ҳуқуқвайронкунӣ ё ҳолатҳои вайронсозии қонуният мустақилона метавонад, ки тадбирҳо андешад. Аз ҷумла, мақомоти прокуратура ҳуқуқ дорад, ки барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба суд муроҷиат намояд. Шояд ҳолатҳои мазкур сабаби асосии зиёд будани боварӣ ва итминони аҳолӣ ба мақомоти прокуратура гардида бошад. Зеро, назар ба баъзе мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мардум ба прокуратура эътимоду бовариии бештар дорад. Мақомоти прокуратура аз номи давлат ва ба манфиати ҷамъият баромад мекунад. Аз ин рӯ, андеша оид ба он ки прокуратура сарчашмаи адолати иҷтимоӣ мебошад, аксиомаи ҳуқуқӣ буда, ҳақиқати бебаҳс аст.

Дар диссертатсия муаллиф бо дарназардошти маводи илмӣ, таҳлили фаъолияти мақомоти прокуратура, таҷрибаи судӣ ва ғайра кӯшиш кардааст, ки дар доираи таҳқиқоти анҷомпазируфта мафҳум, таърихи инкишоф, мавқеи мақомоти прокуратура дар миёни шохаҳои ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шавад. Ҳамзамон дар рисола ҷойи мақомоти прокуратура дар миёни мақомоти давлатӣ баррасӣ ва таҳлил гардидааст.

Диссертатсияи Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия 212 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи он, мавзӯъ, объект, мақсад, вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия – “ **Асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии муайянкунандаи мавқеъ ва нақши прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ”** аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби якум **«Ташаккул ва инкишофи прокуратура дар Тоҷикистон»** муаллиф масоили пайдоиш ва инкишофи мақомоти прокуратураро дар Тоҷикистон таҳлил намудааст. Аз ҷумла, ӯ қайд менамояд, ки давлатҳои дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ мавҷудбуда, мақомоти махсусгардонидашударо барои назорати иҷрои фармонҳои сарвари давлат таъсис надодаанд. Ба таври пурра ташаккул ёфтани мақомоти прокуратура дар Тоҷикистон аз асри XX оғоз меёбад. Дар асоси таҳлили ақидаҳои олимони ватанӣ, рисоланавис чор давраҳои ташаккул ва инкишофи мақомоти прокурартура дар Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Дар давоми зербоби мазкур муаллиф ҳар як марҳилаи ҷудошударо таҳлил менамояд. Аз ҷумла ӯ қайд менамояд, ки дар марҳилаи якуми ташаккули мақомоти прокуратура бо ҷараёнҳое алоқамандӣ дорад, ки дар ибтидои асри XX дар ҳудуди Осиёи Миёна ба вуҷуд омада буданд. Ҷараёнҳои инқилобие, ки империяи Россияро фаро гирифта буд, наметавонист таъсири худро ба ин минтақа нагузорад. Дар натиҷаи тағйиротҳои сиёсии бавуҷудомада, ки ҳудуди Тоҷикистони кунунӣ ба ҳайати ду ҷумҳурии ҶМШС Туркистон шомил буд, ба иваз намудани Генерал-губернатори Туркистон ва ҶХШБ, ки дар қаламрави қаблии аморати Бухоро ҷойгир буданд, оварда расонид. Ин ду ҷумҳурӣ вазъи сиёсӣ-ҳуқуқии худро доштанд, ки аз ҳамдигар пурра фарқ менамуд. Аз сабаби он, ки ҶМШС-и Туркистон ба таври воқеӣ идомадиҳандаи генерал-губернатори Туркистон маҳсуб меёфт, дар он институтҳои давлатӣ-сиёсӣ, аз ҷумла прокуратура дар madди аввал мавриди муҳофизат қарор гирифтанд.

Дар асоси омӯзиши ақидаҳои олимон ва сарчашмаҳои таърихи рисоланавис ба хулоса омадааст, ки дар ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон, ки тобеи ҶМШС-и Туркистон буд, мақомоти прокуратура соли 1922 дар заминаи қонунгузории ҶШСФР таъсис дода шудааст. Дар навбати худ Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро таърихи 8-уми октябри соли 1920 дар ҳудуди аморати Бухоро ташкил карда шуд. Ташаккули таъсиси мақомоти прокуратура дар ҶХШБ бо марҳилаи таъсиси мақомоти прокуратура дар ҶМШС-и Туркистон монандӣ дошта, дар баъзе маврид бо махсусиятҳои ба худ хос фарқ менамояд. Фарқияти асосӣ дар он аст, ки то ин муддат дар ҶХШБ мақомоти прокуратура арзи ҳастӣ надошт. Танҳо 23-юми ноябри соли 1923 прокуратураи Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро таъсис дода шуд.

Марҳалаи дуюми ташаккулёбии мақомоти прокуратура бо таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон алоқаманд мебошад. Дар ин давра умуман дар ИҶШС ва аз ҷумла дар ҶМШС Тоҷикистон ҷараёни фаъоли ҷустуҷӯи шакли муносиби ташкилёбии мақомоти прокуратура анҷом ёфт. Дар ин давра вазифаю функсияҳои прокуратура ба таври доимӣ тавсеа меёфтанд ва то соли 1929 прокуратура ба сифати мақоми комилу мустақил амал мекард, ки функсияи назоратиро анҷом медод. Инчунин зикр намудан лозим аст, ки агар дар марҳалаи аввал дар ҶМШС Туркистон ва ҶХШБ мақомоти прокуратура аз нав таъсис дода шуда бошанд, дар доираи марҳалаи дуюм низоми амалкунандаи мақомоти прокуратураи Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Марҳалаи сеюми ташаккулёбӣ ва рушди мақомоти прокуратура дар Тоҷикистон бо табдилёбии ҶМШС Тоҷикистон ба ҶШС Тоҷикистон, яъне ба даст овардани мақоми ҷумҳурии мустақил дар ҳайати ИҶШС алоқаманд мебошад. Дар баробари таъсисёбии ҷумҳурии мустақил сухан ронда, қайд намудан лозим аст, ки он боиси ба амал омадани тағйирот дар сохтори ҳудудии Тоҷикистон гардид ва бегуфтугӯ ба тағйирёбии сохтори низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла прокуратура оварда расонд. Тағйироти куллии вазъи ҳуқуқии мақомоти прокуратура ва мавқеи онҳо дар низоми идоравӣ дар ИҶШС соли 1933 ба амал омаданд. 20 июни соли 1933 г. Қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС «Дар бораи таъсис додани прокуратураи ИҶШС» қабул карда шуд.

Дар анҷумани ғайринавбатии IV Шӯрои ҶШС Тоҷикистон, ки 1 марти соли 1937 баргузор гардид, Конститутсияи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон қабул карда шуд ва дар он боби алоҳидаи VIII ба прокуратура ва суд бахшида шуд. Ҳамаи принсипҳо оид ба прокуратура, ки дар Конститутсияи ИҶШС тақвият ёфта буданд, дар Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон низ пурра дарҷ гардиданд.

Бо Фармони Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС 24 майи соли 1955 «Низомномаи назорати прокурорӣ дар ИҶШС» тасдиқ гардид, ки дар он муқаррароти асосӣ оид ба вазифаю принсипҳои фаъолияти прокуратура тақвият бахшида шуда буданд. Низомнома аз 24 майи соли 1955 то он даме, ки тибқи боби 21 Конститутсияи ИҶШС аз соли 1977 аз 30 ноябри соли 1979 Қонун дар бораи прокуратура қабул гардид, қариб чоряк аср амал намуд.

Марҳалаи чоруми ташаккулёбӣ ва рушди мақомоти прокуратура дар Тоҷикистон бо раванди истиқлолият ба даст овардани ҷумҳурии мо алоқаманд аст. Раванди мазкур дар шароити душвори сиёсию иқтисодӣ ҷараён гирифт. Ҷанги шаҳрвандии дар ин давра оғозгардида ба давлати нав ташаккулёбанда, аз ҷумла сохтори низоми томи идоракунии давлатӣ

ва низоми назорати прокурорӣ зарари ниҳоят калон расонд. Дар ин давраи душвор аввалин маротиба дар таърихи мақомоти прокуратураи ҷумҳурӣ соли 1992 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд ва тибқи Қарори Шӯрои Олӣ аз 30 апрели соли 1992 эътибор пайдо намуд. Тақвияти минбаъдаи вазъи ҳуқуқии мақомоти прокуратура бо қабул намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 сурат гирифт. Дар асоси муқаррароти Конститутсия баъдан ду қонуни конститутсионӣ қабул карда мешавад: «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» 11 марти соли 1996 ва қонуни амалкунанда - 25 июли соли 2005.

Дар зербоби дуюми боби аввал ки **«Мақоми прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дорад, рисоланавис мавқеи мақомоти прокуратураро дар низоми ҳокимияти давлатӣ зери таҳлил қарор додааст. Мутобиқи моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистон ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ тақсим мегардад. Чунин тасвия, ки дар таҷрибаи конститутсионии аксарияти кишварҳо ба таври васеъ паҳн шудааст, маънои онро дорад, ки ҳокимияти давлатӣ ба таври ғайримустақим тавассути мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо амалӣ мегардад.

Муаллиф масъалаи мазкурро ҳамаҷониба омӯхта ба хулоса меояд, ки барои муайян намудани мавқеи прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, омилҳои зеринро ба инобат гирифтан лозим аст:

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон прокуратура ниҳоди мустақили давлатию ҳуқуқӣ мебошад. Ақидаи мазкурро рисоланавис бо далелҳои зерин исбот менамояд:

а) масъалаи таъсисёбии прокуратура дар боби 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтааст ва дар боби мазкур салоҳият, вазифаҳо ва ваколатҳои прокуратура муайян шудаанд. Вазъи ҳуқуқии прокуратура дар Тоҷикистон, инчунин бо қонуни конститутсионии алоҳида танзим карда мешавад.

б) мақомоти прокуратура бечунучаро дорои ваколатҳои идоракунанда мебошанд. Биноан, мутобиқи моддаи 96 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он бе дахолати дигар мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор мустақилона дар асоси қонун фаъолият мекунанд.».

в) вазифа ва самтҳои асосии фаъолияти онҳо дар Қонуни конститутсионӣ муайян шудаанд.

Гуфтаҳои боло, ба андешаи муаллиф, равшан нишон медиҳанд, ки мақомоти прокуратура маҳз мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошанд. Яке аз сабабҳои дар илм ба вуҷуд омадани ин баҳс дар мавриди мақомоти прокуратура ин ибораи нодуруст аст, ки дар қонунгузории кишвар истифода мешавад. Дар робита ба ин, рисоланавис пешниҳод мекунад, ки ба моддаи 1 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратура» бо иваз кардани калимаи «мақомот» ба ибораи «мақомоти давлатӣ» тағйирот ворид карда шавад.

2. Прокуратура пурра ба ягон шохаи ҳокимияти мавҷуда мансуб набуда, ба сифати шохаи мустақили ҳокимият амал мекунад, ки дорои унсурҳои низоми мувозинат ва боздорӣ мебоша д.

Ақидаи худро муаллиф бо чунин далелҳо исбот менамояд. Мавҷуд будани баҳсҳои зиёд оид ба нақши прокуратура дар низоми таҷзияи ҳокимият аз гузаштаи пасошӯравӣ маншаъ мегирад. Дар адабиёти ҳуқуқии он давра таҷзияи ҳокимият инкор карда мешуд, лекин дар баробари ин, қайд мешуд, ки чор шакли фаъолияти давлатӣ вуҷуд дорад: фаъолияти мақомоти намояндагӣ (ҳокимияти давлатӣ), фаъолияти иҷроияю амрдиҳӣ (идораи давлатӣ), адолати судӣ ва фаъолияти прокурорӣ.

Аммо агар се шакли аввал дар давраи пасошӯравӣ ба шохаҳои мустақили ҳокимият (қонунгузор, иҷроия ва судӣ) табдил ёфта бошанд, масъалаи фаъолияти прокурорӣ ҳамчун шакли алоҳидаи ҳокимияти давлатӣ то ҳанӯз ҳалли худро наёфтааст. Ин ба он оварда расонд, ки дар илм чор ақидаи гуногун ба вуҷуд омадааст, ки дар асоси онҳо мақомотҳои прокуратура ба ин ё он шохаи ҳокимият таалуқ доранд ва шохаи мустақил мебошад. Дар асоси омӯзиши ақидаҳои мазкур муаллиф ба хулоса омадааст, ки мақомоти прокуратура шохаи мустақил буда, фаъолияти танҳо ба ӯ хосро амалӣ мегардонад.

Дар зербоби сеюми боби мазкур **«Функсияҳои прокуратура ҳамчун мақоми хокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** муаллиф функсияҳои асосии мақомоти прокуратураро таҳлил намудааст.

Масоили функсияҳои мақомоти прокуратураро таҳлил намуда, рисоланавис қайд менамояд, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаҳои гуногун оиди им мафҳум вуҷуд доранд. Мавҷудияти мавқеъҳои гуногун оид ба масъалаи мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки дар илм ҷойивазкунии ду мафҳум «функсияҳои прокуратура» ва «самтҳои асосии фаъолияти прокуратура» дида мешавад.

Муаллиф дар асоси омӯзиши ақидаҳои олимони ватанӣ ва хориҷи ба хулоса омадааст, ки дар зери маҳфуми функсияҳои прокуратура – фаъолияти махсуси ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, ки ба эҳтиёҷоти давлат

вобаста мебошад ва асоси онро назорати риояи қонунҳои дар ҳудуди давлат амалкунанда ташкил медиҳанд. Аз мафҳуми зикргардида рисоланавис нишонаҳои асосии функсияҳоро ҷудо менамояд:

- якум ин ки функсияҳои прокуратура фаъолиятест, ки танҳо аз ҷониби давлат муайян мешавад;

- дуюм ин ки асоси ин фаъолиятро назорати иҷрои қонунҳо дар ҳудуди давлат ташкил мекунад;

- сеюм ин ки чунин фаъолият дар давлати мушаххас анҷом дода мешавад.

Дар давоми зербоб муаллиф ба таснифот ва таҳлили функсияҳои мақомоти прокуратура диққати ҷиддӣ медиҳад. Аз ҷумла, ӯ дар асоси таҳлили қонунгузории амалкунанда функсияҳои прокуратураро ба асосӣ ва иловагӣ ҷудо менамояд.

Боби дуюми рисола **«Прокуратура ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таносуб ва ҳамкорӣ»** ном дошта аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби якуми боби дуюм **«Ҳамкории мутақобилаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти прокуратура»** муаллиф робитаи мақомоти прокуратура ва парлумони кишварро таҳлил менамояд. Ӯ қайд менамояд, ки мақомоти прокуратура аз ҷумлаи он мақомотест, ки парламент бо онҳо ҳамкории мутақобила дорад. Дар асоси омӯзиши ақидаҳои олимон ва амалия рисоланавис ба чунин хулосаҳо доир ба ҳамкории мутақобилаи мақомоти прокуратура ва Маҷлиси Олӣ омадааст:

Якум ин ки, новобаста аз аҳамияти бечунучарои парлумон дар давлат, ягон асоси ҷиддӣ барои эътироф намудани прокуратура ба ҳайси қисми таркибии ҳокимияти қонунгузор вуҷуд надорад. Прокуратура дар ҳамкорӣ бо парламент ба сифати шохаи комилҳуқуқи ҳокимият амал мекунад, ки дорои вазифа, ваколатҳо ва салоҳияти худ мебошад.

Дуюм ин ки, ҳамкории мутақобилаи мақомоти прокуратура ва Маҷлиси Олӣ дар се самт – назоратӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ташкилӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар давоми зербоб муаллиф масъалаҳои иштироки мақомотҳои прокуратураро дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ муфассал таҳлил менамояд. Ӯ қайд мекунад, ки мақомоти прокуратура дар тартиб додани баъзе санадҳои муҳими меъёрӣ фаъолона иштирок мекунанд. Дар баробари ин рисоланавис пешниҳод менамояд, ки як қатор меъёрҳои қонунгузорӣ такмил дода шаванд, аз ҷумла ба моддаи 11-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳо ворид карда

шаванд, аз ҷумла ибораи «фаъолияти қонунэҷодкунӣ» ба «фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ» иваз карда шавад. Ба андешаи ӯ, прокуратура дар ҳуқуқэҷодкунӣ ширкат мекунад, на дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ.

Дар ин банд муаллиф ба масъалаи додани ҳуқуқи ташаббуси конунгузорӣ ба прокуратура эътибор медиҳад. Мутобиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти прокуратура ба субъектҳои дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дохил намешаванд. Аммо бо назардошти он, ки прокуратура як шохаи мустақили ҳокимият аст, ба он додани ин ҳуқуқ нақши муҳим дорад.

Дар зербоби дуюми боби дуюми рисола **«Робитаи мутақобилаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомоти прокуратура»** рисоланавис ҳамкориҳои мақомоти прокуратураро бо мақомоти ҳокимияти иҷроия таҳлил менамояд. Ӯ қайд менамояд, ки ҳокимияти иҷроия ҳамчун шохаи ҳокимиятест, ки фаъолияти давлатиро ташкил мекунад ва барои ин сохторҳои махсус доро мебошад.

Барои муайян кардани шаклу усулҳои ҳамкории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои мақоми Президент ва мақоми прокуратураро аз ҷиҳати тақвияти конститутсионии онҳо ба назар гирифтан лозим аст. Асоси конститутсионии ҳамкории Президент ва прокуратураро дар навбати аввал масъалаи ташкилию кадрӣ ташкил мекунад. Аз ҷумла, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Прокурори генералии ҶТ бо розигии Маҷлиси миллӣ аз ҷониби Президенти ҶТ ба вазифа таъин ва озод менамояд. Инчунин Прокурори генералӣ соле як маротиба ё аз рӯи зарурат дар бораи ҳолати назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Тоҷикистон ҳисобот медиҳад. Ҳамкории мутақобилаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти прокуратура дар самти мазкур ба он асос меёбад, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кафили Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз ин рӯ, мо гуфта метавонем, ки дар баробари ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани маърӯза оид ба вазъияти риояи қонунҳо дар кишвар мақомоти прокуратура дар шахси Прокурори генералӣ ба Президент дар амалисозии функсияи конститутсионӣ ҳамчун кафили Конститутсия ва қонунҳо мусоидат мекунад. Дар ин сурат, қайд намудан лозим аст, ки Президенти ҶТ ба фаъолияти функсионалии мақомоти прокуратура дахолат намекунад, лекин назорати умумиро амалӣ мегардонад.

Ҳамин тариқ, дар ҷамъбаст қайд кардан лозим аст, ки ҳамкории ташкилию кадрии Президенти ҶТ ва мақомоти прокуратура ба самарабахш ташкил намудани фаъолияти прокуратура равона гардида,

ба принсипи тақсимоти ҳокимият ва низоми мувозинату боздорӣ асос меёбад ва таъиноти он мусоидат намудан ба татбиқи ягонаи талаботи Конститутсия ва қонунҳо дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар натиҷаи тадқиқоти анҷомдодашуда муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки мақомоти прокуратура ба низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия дохил намешаванд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм, ки **«Ҳамкории мақомоти судӣ бо прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дорад, муаллиф масоили ҳамкории мутақобилаи мақомоти прокуратура ва мақомотҳои судиро дар Тоҷикистон таҳлил намудааст. Дар асоси таҳлили гузарондашуда рисоланавис ба хулосаҳои зерин омадааст. Аввалан, мақомоти прокуратура ва судҳо дар самтҳои гуногун ҳамкории наздикро анҷом медиҳанд, ки мақсади он ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои шаҳрвандон мебошад. Дуюм, прокуратура адолати судиро амалӣ намекунад ва назорати қонунӣ будани санадҳои судиро аз номи мақомоти олии судӣ анҷом намедиҳад. Аз ҷиҳати сохтор бошад, прокуратура ба низоми судҳо дохил намешавад, ва прокурорҳо ба чунин мақомот ҳисботдиҳанда ва тобеъ нестанд. Сеюм, ҷанбаҳои ҳамкории мақомоти судӣ ва прокуратура бояд мушаххас карда шаванд ва такмил ёбанд, махсусан вобаста ба ҳамкории мақомоти прокуратура ва Суди конститутсионӣ. Айни ҳол масъалаҳои таносуби фаъолияти мақомоти прокуратура ва Суди конститутсионӣ аҳамияти бештар пайдо мекунанд. Қонунгузории кишвар ба сифати яке аз субъектони ба Суди конститутсионӣ муроҷиаткунанда оид ба мутобиқати санадҳои қабулнамуда прокуратураро низ меҳисобад. Лекин оид ба масъалаҳои таносуби фаъолияти мақомоти прокуратура ва Суди конститутсионӣ як қатор нуктаҳое мавҷуданд, ки онҳо бояд аниқ карда шаванд. Яке аз чунин масъалаҳо имконияти муроҷиат кардани Прокурори генералӣ ба Суди конститутсионӣ оид ба мутобиқи Конститутсия будани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки нисбати шаҳрвандон дар ҳолати мушаххас татбиқ шудаанд ва ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии онҳоро поймол мекунанд.

Азбаски яке аз вазифаҳои асосии прокуратура дар Тоҷикистон назорати риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби ҳама сохторҳо ва шахсони мансабдор мебошад, ба фикри мо, пешниҳоди ҳуқуқи мазкур ба мақомоти прокуратура аз рӯйи мантиқ хоҳад буд.

Ҷанбаи дигари муносибатҳои байни мақомоти прокуратура ва Суди конститутсионӣ, ки бояд мушаххас карда шавад, масъалаи иштироки прокурор дар мурофиаи судии конститутсионӣ мебошад. Аз таҳлили қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти мақомоти прокуратура ва Суди

конститутсионӣ чунин бармеояд, ки нақши прокуратура дар мурофиаи судии конститутсионӣ пурра мушаххас гардонда нашудааст. Аз таҳлили меъёрҳои қонунгузории амалкунанда маълум мешавад, ки прокурор дар мурофиаи судии конститутсионӣ иштирок мекунад, лекин дар баробари қайд намудани гурӯҳи парвандаҳое, ки ҳангоми баррасии онҳо прокурор иштирок карда метавонад, парвандаҳои ба Суди конститутсионӣ вобастаро ёдрас намекунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз дар он ифода меёбад, ки бори нахуст аз лиҳози ҳуқуқи конститутсионӣ кӯшиши муайян намудани ҷанбаҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти прокуратура дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ва ҳамкории мутақобилаи он бо дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ мавриди баррасии амиқ қарор дода шуд. Таҳқиқоти назариявӣ ва амалии фаъолияти имрӯзаи он ба як қатор хулоса ва пешниҳодҳо бо мақсади устувор намудани мавқеъ ва нақши прокуратура дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатиро муайян намудаанд.

Диссертант вазифаҳои дар назди худ гузоштаро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нактаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои муътамади таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, инчунин аз андешаву назари олимони дохиливу хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмӯъ, навгонии таҳқиқоти илмиро таъмин менамоянд.

Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, инҳоро дар бар мегирад:

1. Ташаккули мақомоти прокуратура дар Тоҷикистон аз асри XX оғоз меёбад, яъне аз лаҳзаи таъсиси ҶХШБ ва ҶМШС-и Туркистон, сониян бо ташкил ёфтани ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайати Ӯзбекистон ва ниҳоят бо таъсис ёфтани ҶШС-и Тоҷикистон. Ҳангоми даврабандӣ мо мақоми ҳуқуқии кишварамонро, ки дар марҳилаҳои зикргардида соҳиб буд, ба инобат мегирем. Бо ин назардошт, чунин чор марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи мақомоти прокуратураро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоем- давраи пос аз инқилоб, давраи ҷумҳурии мухтор, давраи ҷумҳурии советӣ, давраи истиқлолият.

2. Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи мақомоти давлатӣ ба ҳисоб рафта, дорои се нишонаи муҳим мебошад. Якум, масъалаи ташкил намудани мақомоти прокуратура дар боби 9-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардида, салоҳият,

вазифа ва ваколатҳои он амиқ дарҷ ёфтаанд. Дуюм, ба мақомоти прокуратура бе ягон шубҳа ваколатҳои ҳокимиятӣ дода шудааст. Сеюм, дар қонунгузории амалкунанда вазифаҳо ва самтҳои асосии фаъолияти онро муайян намудааст. Бо дарназардошти гуфтаҳои номбурда, метавон гуфт, ки марҳилаи муосири ташаккули мақомоти прокуратураи ҶТ бо функсияҳои гуногунҷанбаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ алоқамандӣ дошта, дар заминаи Конститутсияи кишвар ба он мақоми махсус дода шудааст .

3. Барои муайян намудани мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми тақсимоти ҳокимият нақши муҳимро функсияҳои он иҷро менамояд. Функсияҳои прокуратура – ин фаъолияти мушаххаси ҳуқуқӣ бо назардошти эҳтиёҷоти давлат мебошанд, ки асоси онҳоро назорати риояи дақиқи қонунҳои амалкунандаи кишвар, ташкил медиҳад. Аз гуфтаҳои боло метавон чунин нишонаҳои муҳимми функсияҳои прокуратураро ҷудо намуд: якум, функсияҳои прокуратура – фаъолиятҳоест, ки танҳо аз ҷониби давлат муайян карда мешавад; дуюм, асоси фаъолияти мазкурро назорати риояи дақиқи қонунҳои амалкунандаи кишвар ташкил медиҳад; сеюм, фаъолияти мазкур дар давлати мушаххас амалӣ карда мешавад. Функсияҳои прокуратураро метавон ба асосӣ ва иловагӣ ҷудо намуд. Дар моддаи 93-и Конститутсияи ҶТ функсияи ягонаи мақомоти прокуратура – назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо маънидод гардидааст. Функсияҳои дигаре, ки дар қонуни конститутсионӣ дарҷ гардидааст, ба сифати функсияҳои иловагӣ баромад менамоянд. Моҳиятан чунин функсияҳои иловагии мақомоти прокуратураро метавон ҷудо намуд: – иштироки прокурор дар баррасии парвандаҳо аз ҷониби суд, таъқиби ҷиноӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, иштирок дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ.

4. Муносибати байниҳамдигарии мақомоти прокуратура ва Маҷлиси Олӣ дар се самт – назоратӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ташкилӣ амалӣ карда мешавад. Ба сифати шакли асосии назорати парлумонӣ аз болои фаъолияти прокуратура ин дархости парлумонӣ (вакилӣ) аз Прокурори генералӣ, додани ҳисобот, маърӯза ва маълумоти Прокурори генералӣ дар назди парлумон ба ҳисоб меравад. Иштироки мақомоти прокуратура дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо он алоқаманд мебошад, ки ба ӯ функсияи ҳуқуқмуҳофизавӣ ва таъмини волоияти қонун вогузор гардидааст. Самти ташкилии робитаи мақомоти прокуратура бо парламент бошад, дар тартиби таъин ва озод намудани Прокурори генералӣ, муовини аввал ва муовинони ӯ ифода меёбад. Он асосан ба таври омехта сурат мегирад. Яъне дар он унсурҳои механизми таъин ва

озод намудани аъзои Ҳукумат ва усули пешниҳод намудани номзад барои интихоби судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Сули олии иқтисодӣ бо ризоияти Маҷлиси Миллӣ дар омезиш дида мешавад. Ин ҳолат аз нигоҳи мо бори дигар мустақилияти мақомоти прокуратураро дар низоми мақомоти таҷзияи ҳокимият маънидод менамояд.

5. Дар натиҷаи тадқиқот мо ба хулосае омадем, ки мақомоти прокуратура ба низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия шомил набуда, аз ҷумлаи мақомоти мустақил ва мутамаркази ҳокимияти давлатӣ маҳсуб меёбад. Ҳамзамон, мақомоти прокуратура дар ҷараёни амали намудани фаъолияти худ таҳти назорати Президенти ҶТ ҳамчун сарвари давлат, таъминкунанда ва ҳамоҳангсозандаи мақомоти давлатӣ, роҳбари мақомоти ҳокимияти иҷроия ва ҳомии Конститутсия, қарор дорад.

6. Яке аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки бо прокуратура дар робитаи зич қарор дорад, ин мақомоти судӣ ба ҳисоб меравад ва онро дар маҷмӯъ ҳокимияти судӣ ном мебаранд. Ба сифати самтҳои асосии ҳамкориҳои мутақобилаи онҳо метавон дохил намуд: муносибат дар функсияи ҳуқуқмуҳофизавии прокуратура ва суд; шароит барои татбиқи назорати прокурорӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ; муносибати назорати прокурорӣ ва контроли судӣ барои қонуният ва самаранокии истифодаи чораҳои мурофиавӣ дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ; ҳамкории мутақобилаи прокуратура бо суд ҳангоми амалӣ намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**

**Диссертатсияи Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад.** Он муқаррароти умуминазариявӣ доир ба ҷойгоҳ ва нақши мақомоти прокуратура дар дастгоҳи идоракунии давлатӣ, аз ҷумла дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ташкил дода, тамоюли рушди ҷомеаи демократиро дар замони муосир муайян менамояд. Истифодаи онҳо ба муаллиф имконият фароҳам овардaнд, ки як қатор пешниҳодҳоро ҷиҳати баланд бардоштани мавқеи мақомоти прокуратура, ворид намудани тағйирот ба мавқеи конститутсионии он ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунандаи кишвар дар соҳаи таҳлилшуда баён намояд

Таҳқиқот анҷомдодашуда дар самти ҳамкории мақомоти прокуратура бо дигар мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ барои ташаккули ҳуқуқи конститутсионӣ, назорати прокурорӣ, назарияи давлат ва ҳуқуқ, мурофиаи ҷиноятӣ, гражданӣ, иқтисодӣ ва ташкили мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нақши боризро иҷро намуда, метавонад барои тадқиқотҳои минбаъда хизмат намояд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот бошад аз он иборат аст, ки дар он баҳсҳои ҷойдошта оид ба мавқеъ ва нақши мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо пешниҳод намудани усулҳои нав дар сохтори ташкилии прокуратура, ба таври амиқ муайян намудани функсия ва самтҳои фаъолияти он роҳи ҳалли худро пайдо намуда, барои самаранок анҷом додани назорати прокурорӣ, инчунин таъмин намудани сатҳи олии қонуният нақши муҳимро иҷро хоҳад намуд. Махсусан, дар он сухан оид ба мақомоти бисёрҷанбаи конститутсионӣ меравад, ки аз номи давлат функсияи назоратиро ҷиҳати иҷроиши меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳо ба роҳ мемонад. Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур зарур аст, ки як қатор тадбирҳои судманд ҷиҳати беҳтар намудани сохтори дохилии мақомоти прокуратура, ташкил ва татбиқи назорати прокурорӣ андешида шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Натиҷаҳои таҳқиқот дар интишороти асосии муаллиф – дар 12 мақола, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тавсияшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд. Таъдоди маводи нашршуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Масъалаҳои баҳснок дар таҳқиқот.**

Диссертатсияи Исмоилзода С.А. дар баробари муваффақиятҳо, инҷунин баъзе масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

Муаллиф пешниҳод карддаст, ки масъалаи ба прокуратура додани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ баррасӣ карда шавад. Аз рисоланавис хоҳиш карда мешавад, ки дар раванди ҳимояи рисолаи худ оид ба ин масъала бештар равшанӣ андозад.

Аз мазмуну муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки диссертант то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале новобаста ба ин, баъзе масъалаҳое дар ин самт ҳамоно боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд. Аз ҷумла, муаллиф дар банди 1 нуктаҳои назариявии ба ҳимоя пешниҳодшуда қайд менамояд, ки чор марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи мақомоти прокуратураро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоем- давраи

пос аз инқилоб, давраи ҷумҳурии мухтор, давраи ҷумҳурии советӣ, давраи истиқлолият.

Бояд қайд намуд, ки дар умум хулосабарории диссертант моҳиятан дуруст мебошад, аммо он баъзе паҳлӯҳои гуногуни масъаларо ба пуррагӣ фаро намегирад, ки яке аз онҳо давраи тоинқилобӣ мебошад. Чунки дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ дар давраҳои муайян мақомот ва шахсони мансабдоре вуҷуд доштанд, ки баъзе аз функсияҳои мақомоти прокуратураро иҷро менамуданд.

Ҳамчунин, дар қисмати пешниҳодҳо аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидааст, ки ба моддаи 1-и Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” тағйирот ворид гардида, калимаи “мақомот” ба ибораи “мақомоти ҳокимияти давлатӣ” иваз карда шавад. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки дар ин маврид муаллиф андешаҳои худро дар рафти ҳимоя иловатан ироа намояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Исмоилзода Салоҳиддин ба талаботи банди 31 ва 33 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, к ибо Карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Таҳқиқоти мазкур саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад ва муаллифи рисола Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

Мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Элназаров Д.Х.

Имзои Д.Х. Элназаров–ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон Рахимов А.А.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, шаҳри Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30
Телефон: +992 227 53 37; +992 227 86 48
Суроғаи электронӣ: p.rektora@mail.ru; sabkar@list.ru